# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович дар мавзӯи "Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих.**

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар фазои пасошӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд ва ин давлатҳои навтаъсис дар чаҳорчӯбаи бунёди давлатдории хеш таърихро ба ҳайси яке аз воситаҳои асосии идеологӣ қарор доданд. Дар натиҷа назарияҳои нави таърихӣ, ки ба таҳкими давлатҳои навтаъсис ва тартиботҳои сиёсии тозаэҷод мусоидат мекарданд, ба миён омаданд.

Рӯзмаррагии мавзӯи диссертатсияи Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович дар он аст, ки муаллиф масъалаҳои таърихи сиёсии замони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, нақши онҳоро дар омӯзиши илмии таърихи ҷумҳурӣ нишон додааст.

Ҳадафи муаллиф таҳти омӯзиш қарор додани хусусиятҳои таърихи раванди авзои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ баррасӣ намудани мушкилот ва монеаҳои он мебошанд. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот дар диссертатсия ҳалли чунин масъалаҳо муҳим毒 дониста шуд, дар асоси таҳлил ва омӯзиши омилҳои дохилию хориҷӣ муайян намудани вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолият, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додани марҳилаҳои асосии авзои сиёсии кишвар ва нишон додани заминаҳои таърихии он ва мавриди баррасӣ қарор додани самтҳои фаъолияти онҳо ба шумор меравад.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат карда, арзиши илмии корро таъмин мекунанд. Ин далелро асосноккунии натиҷаҳои таҳқиқот, истифодабарии методҳои таҳлилӣ-мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ зимни таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масъалаи мазкур тасдиқ менамоянд.

Диссертатсия дар асоси маъхазҳои ғанӣ навишта шуда, дар рафти таълифи он аз маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва хулосаҳои олимони соҳа истифода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқикот асоснок ва дараҷаи омӯхта шудани он муайян шуда, ҳадафу вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявю амалӣ, заминаҳои методологӣ, объекту матлаб ва чаҳорчӯбаи хронологию ҳудудии он муқаррар гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия – **«Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ»** номгузорӣ шуда, масоили дар партави сиёсати ҷадиди давлати шӯравӣ – сиёсати бозсозӣ раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, марҳилаҳои асосии ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва инъикоси он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, қабл аз ҳама дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ»** таърихи масъалаҳои инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия дар адабиёти таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант ба хулосае омадааст, ки сарфи назар аз он, ки оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳуҷҷат ва қарордодҳо хеле зиёданд, ташаккул ва рушди муносибатҳои хориҷӣ дар адабиёти таърихии ватанӣ нокифоя инъикос ёфтааст. Таълифоти маҷмӯию ҷамъбастӣ оид ба ин масъала ҳанӯз рӯи кор наомадааст. Бо вуҷуди он, дар таълифоти мавҷуда паҳлуҳои алоҳидаи муносибатҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзӯъ, пешниҳоди назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ оварда шудаанд.

Автореферати дисссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Доир ба мавзӯи диссертатсионӣ муаллиф ду васоити таълимӣ ва 14 мақолаҳоро навишта, аз он ҷумла 10 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **“Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тибқи бандҳои 10, 11, 12-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси – 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумии**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии ба номи**
**Носири Хусрав”, номзади илмҳои**
**таърих, дотсент:** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

3 августи соли 2020

Имзои н.и.т., дотсент Алимов Д.Х.-ро
Тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ
“ДДБ ба номи Носири Хусрав” Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ, 67, МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail:ktsu78@ mail.ru.